# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКПЕРТӢ

Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-078-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – Психологияи педагогӣ.

Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-078-и дар назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия – А.И. Саидов – доктори илмҳои психологӣ, профессор; аъзоён – Шаропов Ш.А. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва А.Р. Мансурова – номзади илмҳои психологӣ, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – Психологияи педагогӣ барои пешниҳод ва муайян намудани рӯзи ҳимоя.

Дар замони муосир пешрафти давлат ва ҷомеаро бе намояндагони соҳиби зеҳни рушдкарда ва қобилиятҳои эҷодӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Маҳз истифодаи оқилонаи захираҳои зеҳнию эҷодии кишвар омили муҳими пешрафти он маҳсуб меёбанд. Таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба ин гувоҳанд. Муайян намудан ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои инкишофи лаёқати зеҳнӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳалли босамари он боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии кӯдакони болаёқат ва татбиқи минбаъдаи лаёқати онҳо дар фаъолиятҳои барои ҷомеа судманд мегардад.

Муҳиммияти таҳқиқотро дар самти мазкур шароитҳои зерин муайян месозанд: аз ҷониби ҷомеаи муосир дарк гаштани он, ки «захираи инсонӣ» замина ва зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат гардидани ҷараёни ҳаёт, зиёд гаштани сарбории ахборотӣ ва эмотсионалӣ ба инсон; муаммоҳои зиёде, ки ҳалли кӯшиши зиёди зеҳнию эҷодиро талаб мекунад; талаботи ҷомеа

ба фаъолияти касбӣ ва шахсияти инсон, ки бояд эҷодкор, фаъол, масъулиятшинос, дорои зеҳни инкишофёфта ва маълумоти баланд бошад.

Таҳқиқ ва омӯзиши махсусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ имконият медиҳад, то раванди таълиму тарбия бо дарназардошти имкониятҳои фардии ҳар як кӯдак ташкил карда шавад ва барои инкишофи ҳамаҷонибаи имкониятҳои зеҳнию эҷодии ӯ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

Хуллас, доираи масъалаҳои зикргардида, мубрамияти мавзуи диссертатсияи Фаризаи Файзизодаро собит месозанд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Фаризаи Файзизода комиссияи ташхисӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳни дар наврасон» тибқи талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, ташхис ва муайян намудани хусусиятҳои синусолӣ ва ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳниро дар маводи таҳқиқотҳои ватанӣ ташкил медиҳад.

2. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбияи наврасони кишвар метавон истифода кард.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D050307 – Психологияи педагогӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-078-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2024, №265 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 10 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаалифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 4 адад дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда, тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Фаризаи Файзизода истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз таввасути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

6. Рисола ба талаботи банди 31-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисос 6D050307 – Психологияи педагогӣ анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро

инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки ба даст оварда шудаанд, ба ихтисоси 6D050307 – Психологияи педагогӣ мувофиқанд.

**Комиссияи ташхисӣ талаботи банди 61-и Низомномаи «Шӯрои диссертатсионӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд.**

1. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба, махсусан мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхисӣ ба хулоса омад, ки номи мавзуи диссертатсияи Фаризаи Файзизода «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» муайян карда шавад.

2. Диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – Психологияи педагогӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-078-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1) **Назаров Акмал Мардонович** – доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро;

2) **Носиров Саъдулло Шукруллоевич** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавися карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя, ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.

Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ, профессор Саидов А.И.
Тел: +998915373280, E mail: saidovazamat@bk.ru

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А.
номзади илмҳои психологӣ, дотсент Мансурова А.Р

*"Имзои А.И. Саидов, Ш.А. Шаропов ва А.Р. Мансуроваро тасдиқ менамоям".*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.
"17" 09 соли 2025